# ХУЛОСАИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. – Педагогика: 5.3.5. - Назария ва методикаи таълиму тарбия (фанҳои ҷамъиятӣ - гуманитарӣ, зинаи таҳсилоти умумӣ), (5.3.5.1. - Назария ва методикаи таълими таърих).**

**Парвандаи аттестатсионии № ____________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз**
**10 феврали соли 2026, №113**

Барои сазовор донистани Маҷидзода Ҷамшед Сунатулло шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ.

Диссертатсияи Маҷидзода Ҷамшед Сунатулло дар мавзуи «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои 10-11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик».

Аз рӯйи ихтисоси 5.3. – Педагогика: 5.3.5. - Назария ва методикаи таълиму тарбия (фанҳои ҷамъиятӣ - гуманитарӣ, зинаи таҳсилоти умумӣ), (5.3.5.1. - Назария ва методикаи таълими таърих) ба ҳимоя 27 ноябри соли 2025 қабул карда шуд, протоколи №104-ИҲ-и шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (734024, шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов, 11/2; бо фармоиши КОА аз 06.09.2024, №321/шд таъсис ёфтааст).

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Маҷидзода Ҷамшед Сунатулло 11.05.1985 таваллуд шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ соли 2010 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси муносибатҳои байналхалқӣ ва соли 2024 Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакентро бо ихтисоси омӯзгори таърих ва ҳуқуқ бо дипломи аъло (ДБА №0008701) хатм намудааст.

Фаъолияти меҳнатии Маҷидзода Ҷамшед Сунатулло аз соли 2009 то 2012 ба ҳайси омӯзгори фанни таърих ва ҳуқуқи гимназияи тоҷикӣ-русии ба номи А.С.Пушкини ноҳияи Рӯдакӣ, солҳои 2012-2016 ба ҳайси муовини директор оид ба корҳои таълиму тарбияи гимназияи тоҷикӣ-русии ба номи А.С.Пушкини ноҳияи Рӯдакӣ ва дар баробари ин роҳбари нуқтаи бақайдгирии Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Рӯдакӣ, солҳои 2019-2020 директори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №85-и ноҳияи Рӯдакӣ, солҳои 2020-2021 директори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №14-и дорои кӯдакистон ба

номи И. Маҷидови ноҳияи Рӯдакӣ, солҳои 2021-2024 директори гимназияи тоҷикӣ-русии ба номи А.С.Пушкини ноҳияи Рӯдакӣ, аз моҳи октябри соли 2024 то 10 ноябри соли 2025 ба ҳайси сардори раёсати таҳсилоти томактабии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон кору фаъолият кардааст. Аз 10 ноябри соли 2025 инҷониб дар мансаби мудири маорифи ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе фаъолияти кориашро идома бахшида истодааст.

Маҷидзода Ҷамшед Сунатулло солҳои 2021-2025 ҳамчун унвонҷӯйи шуъбаи омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.3. – Педагогика: 5.3.5. - Назария ва методикаи таълиму тарбия (фанҳои ҷамъиятӣ - гуманитарӣ, зинаи таҳсилоти умумӣ), (5.3.5.1. - Назария ва методикаи таълими таърих) (фармоиши қабул аз 09.02.2021, №179) корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бурдааст.

Мавзуи кори диссертатсионии Маҷидзода Ҷамшед Сунатулло дар мавзуи «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои 10-11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик», бо қарори шурои олимони Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 01.03.2021, №02 тасдиқ шудааст.

Диссертатсия дар Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ: Маҳкамов Дастам – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ:

Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»;

Назарзода Рустам Саидмурод – номзади илмҳои педагогӣ, иҷрокунандаи вазифаи дотсенти кафедраи барномасозӣ ва зеҳни сунъии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.

Муассисаи пешбар: Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Данғара».

Дар хулосаи мусбат додашуда аз 27.12.2025, протоколи №5, ки онро раиси ҷаласа, Ғафурова Дилором – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири

кафедраи педагогика ва психологияи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Данғара», Наботов Ю.Ш. – эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ, номзади илмҳои педагогӣ, иҷрокунандаи вазифаи дотсенти Донишгоҳи давлатии Данғара ва котиби ҷаласа номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи педагогика ва психология Садирова Ҷ.Ш. имзо карда, ректори Донишгоҳи мазкур - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хайрзода Ш.Қ. тасдиқ кардааст, ба диссертатсия дар умум баҳои мусбат дода, аз он ҷумла, иброз кардааст, ки «... муаллиф мафҳуми «шароитҳои педагогӣ»-ро дар робита ба фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимӣ мушаххас намуда, моҳияти онро дар муҳити муосири муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавзеҳ додааст. Ҳамчунин, муаллиф амсила ва технологияи фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимӣ дар асоси омилҳои мухталифи педагогӣ таҳия намудааст, ки ин барои баланд бардоштани сифати фаъолияти омӯзгорӣ мусоидат мекунад.

Дар кори диссертатсионии Маҷидзода Ҷамшед Сунатулло навгонии илмии таҳқиқот ба ҳалли масъалаи муҳимми педагогӣ равона шуда, дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар тайёр кардани омӯзгорон, такмили ихтисоси онҳо ва дар фаъолияти амалии муассисаҳои таълимӣ ба таври васеъ истифода шаванд.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Маҷидзода Ҷамшед Сунатулло аҳамияти калони илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дошта, истифодаи амалии натиҷаҳои он ба рушди соҳаи маориф ва тарбияи насли наврас саҳми арзанда гузошта метавонад.

Таҳқиқи диссертасионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки муаллиф дар рафти таҳқиқот аз усулҳои гуногуни илмӣ, аз қабили маҷмӯи усулҳои гуногуни таҳқиқоти эмпирикӣ (мушоҳида, саволнома, мусоҳиба, озмоиши муқаддимавӣ ва ташреҳӣ), таҳлили адабиёти илмӣ, мушоҳида, пурсишнома ва таҷрибаи педагогӣ истифода бурдааст, ки ин ба эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада мусоидат кардааст.

Довталаб, Маҷидзода Ҷамшед Сунатулло дар диссертатсияи худ ба мавзуи «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои 10-11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик» бо роҳи таҳияи равишҳои нави методологӣ, таҳияи тавсияҳои амалӣ ва таҳияи моделҳои озмоишии ташаккули салоҳиятҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми илмии муҳим гузоштааст. Кори довталаб на танҳо ба такмили назарияҳои

педагогӣ мусоидат мекунад, балки дар раванди таҳсилот низ аҳамияти амалӣ дорад.

Мазмун ва муҳтавои кори таҳқиқотӣ дар интишороти муҳаққиқ дар маҷалаҳои тасдиқнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастури таълимӣ-методӣ, мақолаҳо дар маҷмуаҳо аз конференсияи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба мазмун ва муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мувофиқат менамоянд. Инчунин, муҳаққиқ кӯшиш намудааст аз таҳқиқотҳои олимони ватанӣ, аз адабиётҳо бо забони тоҷикӣ истифода намуда бо нутқи хаттии фаҳмо фикру ақидаҳои худро иброз намояд.

Инчунин, қайд гардидааст, ки Маҷидзода Ҷамшед Сунатулло довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ 8 интишороти илмӣ, аз ҷумла, 6 номгӯй мақолаҳои илмии зерин оид ба мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба табъ расидаанд, ки мазмуни асосии диссертатсияро инъикос мекунанд:

[1-М] Маҷидзода, Ҷ. С. Ташаккули салоҳияти иттилоотию маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик / Ҷ. С. Маҷидзода // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – 2022. – № 2 (38). – С. 151–156. – ISSN 2617-5320.

[2-М] Маҷидзода, Ҷ. С. Густариши ғояҳои миллӣ тавассути таълими босамари фанни таърихи халқи тоҷик / Ҷ. С. Маҷидзода // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомӣ. – 2022. – № 4 (40). – С. 9–14. – ISSN 2617-5320.

[3-М] Маҷидзода, Ҷ. С. Нақши анъанаҳои миллӣ дар эҳёи ҳунарҳои мардумӣ тавассути омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик / Ҷ. С. Маҷидзода // Маҷаллаи илмии «Номаи Донишгоҳ». – 2024. – № 4 (81). – С. 52–56. – ISSN 2077-4990.

[4-М] Маҷидзода, Ҷ. С. Ташаккули салоҳияти таърихии хонандагони синфҳои 10–11-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳамчун мушкилоти педагогӣ / Ҷ. С. Маҷидзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. – № 12. Қисми 11. – С. 282–286. – ISSN 2074-1847.

[5-М] Маҷидзода, Ҷ. С. Ташаккули тавоноии маърифатии хонандагон тавассути омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик / Ҷ. С. Маҷидзода // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2024. – № 4 (54). – С. 235–240. – ISSN 2222-9809.

[6-М] Маҷидзода, Ҷ. С.; Маҳкамов, Д. Фаъолияти инноватсионӣ – омили педагогии рушди таҳсилот ва беҳдошти сифати таълими фанни таърихи халқи тоҷик / Д. Маҳкамов, Ҷ. С. Маҷидзода // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомӣ. – 2025. – № 1 (49). – С. 5–10. – ISSN 2617-5320.

Дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда, диссертатсия ва автореферати он аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи таҳқиқоти диссертатсионӣ муфид хоҳад буд, аз ҷумла:

1. Муаллиф метавонад самтҳои таҳқиқоти минбаъда оид ба ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон ҳангоми омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик таҳти таъсири шароитҳои педагогӣ ва усулҳои фаъолият дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пешниҳод намояд, то фаҳмиш дар бораи ин мафҳумҳо, роҳу воситаҳо ва имкониятҳооибa даст оварда амиқтар карда шаванд ва роҳҳои муассиртари баланди имкониятҳои ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон ҳангоми омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик таҳти таъсири шароитҳои педагогӣ ва усулҳои фаъолият дар ин замина дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва истифодаи он дуруст ба роҳ монда шаванд;

2. Муаллифи диссертатсия метавонист дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти худ бо муқоисаи таҷрибаҳои ошкор намудани сатҳи ибтидоии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ-маърифатии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, аз ҷумла дар муҳити дигар минтақаҳои Тоҷикистон, кишварҳои дигар ё заминаҳои алтернативӣ таваҷҷӯҳ карда, моҳият ва сатҳу сифати кори худро ғанитар гардонад;

3. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ вуҷуд доранд, ки онҳо бояд ислоҳ карда шаванд.

Камбудӣ ва нуқсонҳои зикргардида наметавонад арзиши аслии диссертатсия ва автореферати тақризшавандаро кам кунанд.

Хулоса, диссертатсияи Маҷидзода Ҷамшед Сунатулло дар мавзуи «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои 10-11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. – Педагогика: 5.3.5. - Назария ва методикаи таълиму тарбия (фанҳои ҷамъиятӣ- гуманитарӣ, зинаи таҳсилоти умумӣ), (5.3.5.1. - Назария ва методикаи таълими таърих) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 5.3. – Педагогика:

5.3.5. - Назария ва методикаи таълиму тарбия (фанҳои ҷамъиятӣ- гуманитарӣ, зинаи таҳсилоти умумӣ), (5.3.5.1. - Назария ва методикаи таълими таърих) сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, иҷрокунандаи вазифаи дотсенти кафедраи педагогика ва психологияи Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Данғара" Наботов Ю.Ш. омода шудааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи № 5 аз 27.12. соли 2025).

Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шудаанд.

Тақризҳоро шахсони зерин фиристодаанд:

1. Раҷабзода Маҳмадулло – доктори илмҳои педагогӣ, мушовири ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Тақриз мусбат мебошад. Муқарриз эрод надорад.

2. Аминов Муслиҳиддин – номзади илмҳои педагогӣ, директори "Литсейи №4 барои бачагони болаёқати шаҳри Душанбе".

Тақриз мусбат мебошад. Муқарриз эрод надорад.

3. Каримзода Шавкат – номзади илмҳои педагогӣ, директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муқарриз эрод надорад. Тақриз мусбат мебошад.

4. Нематуллозода Муродбек – номзади илмҳои педагогӣ, директори Муассисаи давлатии таълимии «Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе».

Муқарриз эрод надорад. Тақриз мусбат мебошад.

Муқарризони ба автореферат тақриз пешниҳоднамуда қайд мекунанд, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талабот ҷавобгӯ буда, довталаби дараҷаи илмӣ Маҷидзода Ҷамшед Сунатулло сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 5.3. – Педагогика: 5.3.5. - Назария ва методикаи таълиму тарбия (фанҳои ҷамъиятӣ- гуманитарӣ, зинаи таҳсилоти умумӣ), (5.3.5.1. - Назария ва методикаи таълими таърих) мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ ва қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 аз 27 ноябри соли 2025, протоколи №104-ИҲ, тибқи банди 61, Низомнома оид ба

шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 67, 69 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, асоснок гардидааст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки** дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ корҳои зерин **иҷро шудаанд:**

- ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагони синфҳои 10–11 дар таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар заминаи методологӣ ва назариявӣ **асоснок карда шудааст;**

- омӯзиши таърихи халқи тоҷик дар асоси равиши салоҳиятмеҳвар шароити рушди малакаи таҳлилӣ ва қобилияти иттилоотии хонандагон **асоснок карда шудаанд;**

- ҷанбаҳои психологӣ ва педагогӣ дар инкишофи салоҳиятҳои иттилоотӣ-маърифатии хонандагон **аниқ карда шудааст;**

- вобаста ба ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои 10-11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик нигаронидашуда**, амсила таҳия ва тасвиб карда шудааст;**

- муҳтавои раванди таълиму тарбияи ба ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои 10-11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик **тарҳрезӣ карда шудааст;**

- таҷрибаи амалии фаъолияти касбии муаллифи рисола **коркард ва пешниҳод карда шудааст;**

- самтҳои фаъолияти омӯзгори муассисаи таълимӣ бо хонандагони синфҳои 10-11 дар самти ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои 10-11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ **муайян карда шудааст;**

- нақши ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои 10-11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ муайян, аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва ба таври озмоишӣ мавриди санҷиш қарор дода шуда, самаранокии онҳо **собит карда шудааст;**

- тавсияҳои методӣ роҷеъ ба омӯзиши ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои 10-11 ва нақши он дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик дар фаъолияти педагогӣ **коркард ва пешниҳод карда шудааст;**

- самаранокии дар амал татбиқ намудани ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои 10-11 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба таври озмоишӣ **санҷида шудааст.**

**Аҳамияти назариявии таҳқиқ бо он асоснок карда шудааст, ки:**

- мафҳуми «салоҳиятнокии иттилоотӣ-маърифатии хонандагон»

барои марҳилаи синфҳои болоии таҳсилоти миёнаи умумӣ дақиқ ва систематикӣ **шарҳ дода шудааст;**

- структураи методологӣ ва психолого-педагогии ин салоҳиятҳо таҳлил гардида, ҷузъҳои асосии он (иттилоотӣ, маърифатӣ, таҳлилӣ, арзишӣ ва амалии иҷтимоӣ) **асоснок карда шудаанд;**

- модели педагогии ташаккули салоҳият **таҳия ва пешниҳод карда шудааст;**

- муқаррароту тавсияҳои назариявии дар диссертатсия ироа шуда ба методологияи муносибати системавӣ ва консепсияи илмии педагогиву психологӣ асоснок гардида, ба методҳои назариявӣ такя мекунад, ба таври васеъ мавриди таҳқиқоти минбаъда ва истифода **қарор гирифта метавонад;**

- барои корҳои минбаъдаи илмӣ **кӯмак расонида метавонад;**

- анҷоми ин таҳқиқот метавонад барои нишон додани бартарии салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои 10-11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик **саҳифаҳои нав боз кунад;**

- маводи таҳияшуда дар нашри китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, энсиклопедияҳо ва солномаҳо мавриди **истифода қарор гирифта метавонад;**

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия,** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

- таҳияи тарзу воситаҳои ташхисӣ барои муайян ва таҳқиқи кардани салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои 10-11 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва талаботи онҳо ба худрушддиҳӣ дар шароити муосири муассисаҳои таълимӣ **кӯмак расонанд;**

- барои ҷорӣ намудани ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои 10-11 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, тайёр намудани омӯзгорони ояндаи фанни таърих **мусоидат менамояд;**

- таҳияи тавсияҳо оид ба истифодаи амсилаи ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои 10-11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик, ба таври самаранок ташаккул додани онҳо **фароҳам меоварад**;

- озмоиш ва ҷорӣ намудани барномаи ҳамкориҳои самарабахш оид ба омӯзиши ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои 10-11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва нақши он дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик ба худҳавасмандсозӣ, худташкилкунӣ ва худрушддиҳии хонандагон **кӯмак мерасонад;**

- мавод ва натиҷаҳои таҳқиқотро дар амалияи кор бо омӯзгорони зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва дар такмили ихтисоси омӯзгорон **метавонанд** ба таври васеъ **мавриди истифода қарор бигиранд;**

- тавсияҳои илмию педагогии дар кори таҳқиқотӣ коркардшударо омӯзгорон **метавонанд** ҷиҳати баланд бардоштани самарабахшии кор ва сифати таълим **истифода баранд;**

- муҳтавои таҳқиқоти мазкурро ҳамчун курси махсус, барои бозомӯзии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ **метавон тадрис намуд;**

- натиҷаҳои таҳқиқот дар таҳияи барномаҳо, роҳнамо ва дастурҳои методӣ барои омӯзгорон ва воситаҳои таълимӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ **ёрии амалӣ мерасонанд.**

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** нишон доданд, ки дараҷаи асоснокӣ ва дурустии илмиву назариявии таҳқиқоти диссертасионӣ, корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодшударо бо асосҳои зерин собит месозанд:

- асоснокӣ ва эътимоднокии натиқаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот **таъмин карда шудаанд;**

- мустаҳкамии назариявии фарзияи таҳқиқот, ки дар асоси таҳлили манбаъҳои илмии дохилӣ ва хориҷӣ таҳия гардида, бо таваҷҷуҳ ба хусусиятҳои синнусолӣ ва шахсияти хонандагон **такмил дода шудааст;**

- истифодаи маҷмӯи усулҳои гуногуни таҳқиқоти эмпирикӣ (мушоҳида, саволнома, мусоҳиба, озмоиши муқаддимавӣ ва ташреҳӣ), ки натиҷаҳоро аз ҷиҳати сифатӣ ва миқдорӣ тасдиқ менамоянд **исбот карда шудааст;**

- маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқотро, ки ба мавзуъ ва ҳадафҳои асосии таҳқиқот мувофиқанд **таъмин карда метавонанд;**

- интихоб ва таҳлили шароит, инчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ **таъмин карда шудаанд;**

- тасдиқи қоидаҳое, ки дар фарзия ва ғояи таҳқиқот пешниҳод шудаанд, **исбот карда шудааст;**

- таҳлилу арзёбӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот ва корҳои озмоишӣ бадастомада, **коркард ва самаранокии онҳо исбот карда шудааст;**

- муътамад будани натиҷаҳои ноилшуда ва таҷрибаи амалии фаъолияти касбии муаллифи диссертатсия **асос ёфтаанд;**

- истифодаи методҳои такмилдиҳандаи якдигар, мақсадҳои комилан мувофиқ, вазифаҳо ва мавзуи таҳқиқот, тасдиқи натиҷаҳои таҳқиқот тавассути методҳои оморӣ ва таҳлил **ба даст омадаанд;**

- иштироки бевоситаи муаллиф дар фаъолияти касбии омӯзгорӣ, илмӣ-методӣ, таҳқиқотӣ ва ташкили он дар пойгоҳи озмоишӣ **таъмин карда шудаанд.**

- муқаррароти дар таҳқиқот пешниҳодшуда бо нукоти назариявӣ ва методологӣ, асоснокӣ ва комилан мувофиқ будан бо масъала ва предмети

таҳқиқот мувофиқ буда, баланд бардоштани самарабахшии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои 10-11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муҳити муосири муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ аз бисёр ҷиҳатҳо **таъмин карда метавонанд;**

- натиҷаҳои таҳқиқот бо кори озмоишӣ, таҷрибаи шахсии педагогии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ тасдиқ карда шуда, натиҷаҳои ташхису санҷиш ба муқоисаи маълумоти дар ҷараёни корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастомада (то озмоиш ва баъди озмоиш) **асос ёфтанд;**

- **натиҷаҳои таҳқиқот** дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, мизҳои мудаввару семинарҳои илмиву методӣ ва омӯзишӣ ва ғ. **ироа, тасвиб ва баррасӣ шудаанд**.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар ба амал баровардани фаъолиятҳои зерини илмӣ-таҳқиқотӣ таҷассум меёбад:**

- **дар таҳлили** ҳамаҷонибаи масъалаҳои вобаста ба таҳқиқот;

- **дар истифодаи силсилаи усул ва методҳо** вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот;

- **дар иштироки бевосита**и муалиф дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ;

- **дар ҷамъоварии мавод ва таҳлили амиқи** адабиёти илмӣ, таҳлил ва шарҳу тафсири маълумоти дарёфтшуда оид ба масъалаҳои мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда;

- **дар банақшагирии дурусту мувофиқи таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифатии** маводу натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои озмоишӣ бадастомада;

- **дар истифодаи маҷмуи зиёди методу воситаҳои таҳқиқотӣ** вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот;

- **дар таҳияи воситаҳои ташхис** барои муайян кардани ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои 10-11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик;

- **дар ташкил ва баргузор кардани таҳқиқоти озмоишӣ**, тасдиқи амалии муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда дар раванди озмоиш, таҳлили натиҷаҳо ва коркарди маълумот;

- **дар коркард ва мавриди озмоиш қарор додани** барномаи ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию маърифатии хонандагони синфҳои 10-11 дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик;

- **дар таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ ва тавсияҳои методӣ**, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ ва ироаи натиҷаҳои таҳқиқот, ҷаъбасти натиҷаҳои бадастомада ва коркарди таҳқиқоти диссертатсионӣ.

Дар маҷлис аз 10 феврали соли 2025, №113 шурои диссертатсионӣ қарор кард, ки Маҷидзода Ҷамшед Сунатулло ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. – Педагогика: 5.3.5. - Назария ва методикаи таълиму тарбия (фанҳои ҷамъиятӣ- гуманитарӣ, зинаи таҳсилоти умумӣ), (5.3.5.1. - Назария ва методикаи таълими таърих) сазовор дониста шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 10 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар доктор аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсия баррасишаванда. Овоз доданд:

тарафдор – 10 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ — Сафаров Шодӣ Асомуродович

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ — Муҳиддинзода Баҳриддин

Муҳри муассисае, ки дар заминаи он шурои диссертатсионӣ таъсис дода шудааст.

Санаи барасмиятдарории хулоса: 10.02.2026